**ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-048-и НАЗДИ МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО» ОИД БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ УНВОНИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 25.08.2020 с., №6

Дар бораи сазовор донистани **Сангов Бобохон Чилаевич**, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони илмии номзади илмҳои тиб.

Диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб, Сангов Бобохон Чиллаевич «Ҷанбаҳои муосири сирояти хламидиявии урогениталӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)», аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ барои ҳимоя 04.04. 2020, протоколи №5, шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-048, назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (734 003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139), ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии ҶТ № 151 аз 01.07.2019 тасдиқ гардидааст, қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сангов Бобохон Чилаевич, соли таваллудаш 1972, соли 1999 факултети муолиҷавии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»-ро аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ» хатм намудааст. Аз соли 1999 то 2001 ординатураи клиникиро дар кафедраи урологияи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» гузаштааст. Пас аз хатм аз соли 2001 то соли 2011 ассистенти кафедраи урологияи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» буд. Аз соли 2011 то имрӯз табиб-урологи ҶДММ «Мадади Акбар» мебошад.

Диссертатсия дар давраи аз соли 2015 то 2019 дар МД «Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон» иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Саидзода Баҳромуддин Икром, номзади илмҳои тиб, дотсенти кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

**Муқарризони расмӣ** :

Қосимов Олимҷон Исмоилович – доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи дерматовенерология бо курси косметологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ҳамидов Музаффар Файзалиевич – номзади илмҳои тиб, табиб- дерматовенерологи МД «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои пӯст»-и шаҳри Душанбе ба диссертатсия баҳои мусбат додаанд.

**Муассиси пешбар** – факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар хулосаи мусбии худ, ки бо имзои муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ Турсунов Рустам Абдусамадович, коршинос, мудири кафедраи физиологияи патологӣ бо тибби судӣ, духтури бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ, номзади илмҳои тиб Нуралиев Маҳмадалӣ Дӯстмуродович ва декани факултети тиббӣ, д.и.т., профессор Талабзода Маҳмадалӣ Сайф ба тасвиб расида ва аз тарафи Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисод, профессор Хушвахтзода Қобил Хушвахт тасдиқ гардидааст, ишора менамояд, ки кори диссертатсионии, Сангов Бобохон Чиллаевич «Ҷанбаҳои муосири сирояти хламидиявии урогениталӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд), ба ихтисосҳои 14.01.10 – бемориҳои пӯсту зуҳравӣ мутобиқат менамояд.

Аз рӯи мубрамият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва натиҷаҳои ба дастовардашуда, эътимоднокӣ, мазмуну мундариҷаи қоидаҳои асосноккардашудаи илмӣ ва хулосаҳо кори диссертатсионии Сангов Бобохон Чилаевич ба баҳои мусбӣ арзанда мебошад, зеро ба талаботҳои «Қоидаҳо оид ба тартиби сарфароз гардонидани унвонҳои илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, муаллифи он бошад ба унвони номзади илмҳои тиб сазовор мебошад.

Аз тарафи унвонҷӯ 10 кори илмӣ, аз ҷумла дар шакли мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон -4, бо ҳаҷми умумии 1,9 варақи чопӣ ба нашр расонида шудааст, ки қоидаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсияро дар худ таҷассум менамоянд, ки ин аз саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

**Корҳои нисбатан муҳими илмӣ пз рӯи мавзӯи диссертатёсия:**

1. **Сангов Б.Ч.** Состояние иммунологической реактивности у больных хроническим урогенитальным хламидиозом / Б.Ч. Сангов, А.Ш. Мастулов, С.А. Мастулов // Здравоохранение Таджикистана. - 2012. - №1. - С. 40-45.
2. **Сангов Б.Ч.** Особенности иммунологических расстройств при хроническом урогенитальном хламидиозе / Б.Ч. Сангов, П.Т. Зоиров, Д.Н. Солихов, А.Ш. Мастулов, Р.Г. Шамбезода // Вестник Авиценны - 2014. - №2. - С. 74-78.
3. **Сангов Б.Ч.** Актуальность урогенитальных инфекций в Таджикистане / Б.Ч. Сангов, И.Д. Рофиев, М.Д. Нуралиев, Ф.М. Дусмуродова // Вестник Таджикского национального университета. - 2015. - №2. - С. 241-243.
4. **Сангов Б.Ч.** Клиникаи уретропростатити хламидиявӣ / Б.Ч. Сангов, Б.И. Саидзода // Авчи Зухал. - 2019. - №1. - С. 67-72.

Дар корҳои ба нашр расонидашуда масъалаҳои дар замони ҳозира мубрами эпидемиология, омилҳои хатарзо, клиника, иммунология ва муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ кушода шудаанд.

**Ба автореферати диссертатсия чунин тақризҳо ворид гаштаанд:**

1. Мудири кафедраи бемориҳои дарунии №3 МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», доктори илмҳои тиб, Мустафоқулова Намуна Ибрагимовна.

2. Мудири кафедраи дерматовенерология бо курси косметологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», номзади илмҳои тиб Муниева Саида Хамроқуловна.
3. Сардухтури Маркази шаҳрии бемориҳои пӯсту зуҳравӣ, номзади илмҳои тиб Бухоризода Қобилҷон Маҳмудович.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда оид ба кори анҷомдодашуда эродҳо вуҷуд надоранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ тахассус ва корҳои илмии нашршуда дошта, ба таҳқиқоти проблемаҳои вобаста ба бемориҳои пӯст машғул мебошанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдодаи унвонҷӯ:**

**таҳия карда шудаанд:** Усулҳои нави муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ;

**пешниҳод карда шудаанд**; таҳқиқотҳои комплесии иммунологӣ оид ба ташхиси хламидиози урогениталӣ дар мардон

**исбот карда шудааст:** перспективанокии истифодаи методҳои пешниҳодшудаи муолиҷаи хламидиози урогениталӣ;

**ҷорӣ карда шудаанд:** омилҳои минтақавии айдоиши гурӯҳҳои хатарзо, клиникӣ-иммунологӣ ва муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ дар мардон.

**Моҳияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот карда шудааст:** самаранокии усулҳои пешниҳодшудаи муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ дар мардон;

**мувофиқи проблематикаи диссертатсия самарабахш маҳсуб меёбад:** истифодаи комплекси метод ва усулҳои мавҷудаи заминавии таҳқиқотҳои иммунологӣ ҳангоми ташхис ва таҳлили натиҷаҳои муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ дар мардон;

**баён ёфтаанд:** маълумотҳо оид ба омилҳои минтақавии пайдоиши гурӯҳҳои хатари баланд, хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ ва вайроншавиҳои иммунологӣ дар беморони хламидиози урогениталӣ;

**ошкор карда шудаанд:** бархурд ва муносибатҳои нав нисбат ба интихоби тактикаи муолиҷаи беморони бо дараҷаҳои гуногуни вазнинии хламидиози урогениталӣ;

**Аҳамияти натиҷаҳои аз таҳқиқот ба дастовардаи унвонҷӯ барои амалия бо он тасдиқ мегардад, ки:**

**таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд:** алгоритми муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ дар мардон вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ;

**муайян карда шудааст:** омилҳои минтақавии пайдоиши гурӯҳҳои хатари баланд дар мардон, дараҷаи вайроншавиҳои иммунологӣ ва самаранокии методҳои пешниҳодшудаи муолиҷа, ки дар тандурустии амалӣ истифода мешаванд ;

**тартиб дода шудаанд:** тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтаркунонии ташхис ва муолиҷаи беморони хламидиози урогениталӣ, ки таҳқиқотҳои иммунологиро ҷиҳати арзёбии вазнинии хламидиози урогениталӣ пешбинӣ менамояд;

**пешниҳод гардидааст:** комплекси тавсияҳои амалӣ барои табибони дерматовенеролог, урологҳо ва акушер-гинекологҳо оид ба пешгирии хламидиози урогениталӣ ва огоҳонидан аз инкишофи шаклҳои вазнин, торпидии беморӣ .

**Арзёбии саҳҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот ошкор кард:**

**назария** дар асоси омӯзиши маълумотҳои таҳқиқотҳои патогенетикӣ ва клиникӣ-лабораторӣ сохта шудааст;

**идея (ғоя)** ба маълумотҳои мушоҳидаи бисёрсолаи амалӣ аз болои мизоҷони бемори хламидиози урогениталӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои муаллифони варзидаи ватанию хориҷӣ такя менамояд;

**истифода гаштаанд:** маълумотҳои адабиётҳо, ки пешакӣ барои дида баромадани мавзӯъ гирифта шудаанд ва усулҳои ҳозиразамони ташхис ва муолиҷаи хламидиози урогениталӣ;

**муқаррар карда шудаанд:** мутобиқати назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо натиҷаҳои дар сарчашмаҳои мустақил оид ба мавзӯи мазкур овардашуда, ки дар маводҳои дмссертатсияҳо пешниҳод гаштаанд (Мавров Г.И., ва ҳаммуаллифон, 2014; Голдемит Л.А. ва ҳаммуаллифон, 2018Horner PJ et al., 2016 Batteiger TA et al., 2019; Lanjouw E. et al., 2015);

**истифода бурда шудаанд:** усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои аввалия, ки коркарди маълумотҳои оморӣ бо муайянкунии сатҳи саҳҳеҳият бо ёрии барномаи STATISTICA 6/0 for Windows [StatSoft Inc., 2001]-ро дар бар мегиранд.

**Саҳми шахсии муаллиф муайян мегардад:** дар асосноккунӣ ва шаклдиҳии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ташкили кор, ҷамъоварии маълумотҳои аввалия ва коркарди омории онҳо. Муаллиф натиҷаҳои аз

таҳқиқот ба даст омада, коркард ва интрепретатсияи маълумотҳои таҷрибавии ба дастомадаро, ки дар шакли интишорот дар мақолаҳо ва тезисҳои илмӣ ҷамъбаст гаштаанд ва дар кори диссертатсионӣ ва автореферат навишта шудаанд, мустақилона таҳлил намудааст.

Дар ҷаласаи 25 августи соли 2020 шӯрои диссертатсионӣ қарор кард, ки **Сангов Бобохон Чилаевич** бо унвони илмии номзади илмҳои тиб сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пӯшида Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 2 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси 14.01.02 – эндокринология ва 4 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, аз 15 нафаре, ки ба ҳайати шӯро дохиланд, овоз доданд- 13 нафар, тарафдор– 13, муқобил нест–, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор- нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои тиб,**
**профессор** **Ш.С. Анварова**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои тиб, дотсент** **Н.Ф. Ниёзова**

**25.08.2020 .**